*«Комсомоли Тоҷикистон»,*
*22 апрели 1966, с. 3.*

**Ёдбуди доҳӣ**

Дирӯз дар маҷлисгоҳи калони Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин маҷлисн тантанавии ҷашни таваллуди доҳӣ баргузор шуд.

Вазири маорифи Тоҷикистон Рустамбек Юсуфбеков нутқи муқаддимавӣ эрод намуда аз интишори ғояҳои ленинӣ дар ҳамаи қитъаҳои олам сухан гуфт.

Сипас, академик Аловаддин Баҳоваддинов дар мавзӯъи «Ленин - муассиси Партияи Коммунистӣ» маърӯзаи муфассал кард. Ӯ бо далелҳои қотеъ хотирнишон намуд, ки Ленин дар шароити сахти сиёсӣ аз рӯи нақшаи Марксу Энгелс дар бораи дигаргун сохтани олам амал карда, пеш аз ҳама Партияи Коммунистӣ - сарвари тамоми қувваҳои пешқадамро барпо намуд. Владимир Илйич Ленин тамоми душвориҳоро бо қувваю матонати бурд-борона, иродаи матини коммунистона бартараф намуда, дар ибтидои асри XX партияи бузурги револютсиониро ташкил карда тавонист, ки ин партия ҳоло ба қувваи муқтадир мубаддал гашта, барои озодӣ, истиқлолият, баробарӣ, сулҳ роҳбарӣ менамояд.

Ректори Университети давлатии Тоҷикистон, профессор Солеҳ Раҷабов ба ҳозирон дар бораи «Ленин - ташкилкунандаи аввалин дар ҷаҳон Давлати Советӣ» нақли пурмазмуне кард. Ҳозирон аз ҳаёти Ленин, корубори ӯ, умдатарин масъалаҳои ғоявии ленинӣ бо диққати том ҳадисҳо шуниданд.

Дар маҷлиси ёдбуди доҳӣ профессорон, муаллимон, намояндагони аҳли ҷамъияти шаҳр, котиби КМ ПК Тоҷикистон Ибодат Раҳимова, президенти АФ РСС Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ ва дигарон ҳузур доштанд.

**М. РАҲИМ,**
**Ҷ. МУРОД.**
**Т. ШАРИФ.**

# ЁДБУДИ ДОҲӢ

Дирӯз дар маҷлисгоҳи калони Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин маҷлиси тантанавии ҷашни таваллуди доҳӣ баргузор шуд.

Вазири маорифи Тоҷикистон Рустамбек Юсуфбеков нутқи муқаддимавӣ эрод намуда аз интишори ғояҳои ленинӣ дар ҳамаи қитъаҳои олам сухан гуфт.

Сипас, академик Аловаддин Баҳоваддинов дар мавзӯи «Ленин — муассиси Партияи Коммунистӣ» маърӯзаи муфассал кард. Ӯ бо далелҳои қотеъ хотирнишон намуд, ки Ленин дар шароити сахти сиёсӣ аз рӯи нақшаи Марксу Энгельс дар бораи дигаргун сохтани олам амал карда, пеш аз ҳама Партияи Коммунистӣ — сарвари тамоми қувваҳои пешқадамро барпо намуд. Владимир Ильич Ленин тамоми душвориҳоро бо қувваю матонати бурдборона, иродаи матини коммунистона бартараф намуда, дар ибтидои асри XX партияи бузурги революциониро ташкил карда тавонист, ки ин партия ҳоло ба қувваи муқтадир мубаддал гашта, барои озодӣ, истиқлолият, баробарӣ, сулҳ роҳбарӣ менамояд.

Ректори Университети давлатии Тоҷикистон, профессор Солеҳ Раҷабов ба ҳозирон дар бораи «Ленин — ташкилкунандаи аввалин дар ҷаҳон Давлати Советӣ» нақли пурмазмуне кард. Ҳозирон аз ҳаёти Ленин, корубори ӯ, умдатарин масъалаҳои ғоявии ленинӣ бо диққати том ҳадисҳо шуниданд.

Дар маҷлиси ёдбуди доҳӣ профессорон, муаллимон, намояндагони аҳли ҷамъияти шаҳр, котиби КМ ПК Тоҷикистон Ибодат Раҳимова, президенти АФ. РСС Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ ва дигарон ҳузур доштанд.

М. РАҲИМ,
Ҷ. МУРОД.
Т. ШАРИФ.

«КОМСОМОЛИ ТОҶИКИСТОН»

22 апрели соли 1966. Саҳ. 3.